***ТДУ – 821.222.8-09***
***ТКБ – 83.3(0)4***
***Н – 54***

***ФУТУВВАТНОМАНАВИСӢ ДАР АҲДИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ***

***Нигматов Нӯмонҷон Исломович****, доктори фалсафа (Phd), аз рӯи ихтисоси “Филология”, ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ЖАНР ФУТУВВАТ-НАМЕ В ЭПОХУ КАМОЛА ХУДЖАНДИ***

***Нигматов Нумонджон Исломович****, доктор философии (Phd) по спец. «Филология» ГОУ «ХГУ им. академика Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***THE GENRE OF FUTUVWAT-NAME IN KAMOL KHUJANDI`S EPOCH***

***Nigmatov Nu`monjohn Islomovich****, Dr. of Philosophy (Phd), Doctor of Philosophy for speciality of philology of Khujand State University named after academician B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *numonjon_91@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *Таърихи адабиёти асри XIV, Камоли Хуҷандӣ, футувватнома, оини ҷавонмардӣ, насри ахлоқӣ, нусхашиносӣ, сарчашма, осори мансур*

*Раванди футувватноманависӣ дар замони зиндагии Камол Хуҷандӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки футувватноманависӣ оғози асри X рӯ ба рушд гузошта, дар ибтидои асри XIV ин ҷараён бештар авҷ гирифтааст. Махсус таъкид гардидааст, ки омӯзиши футувватномаҳо метавонад роҳро барои дарки осори суханварони асри XIV, махсусан, ашъори Шайх Камоли Хуҷандӣ ҳамвор намояд. Муҳтаво ва мавзӯи футувватномаҳо равшан месозад, ки бахши муҳимме аз насри ахлоқии форсу тоҷик маҳз дар ҳамин гурӯҳи осор маҳфуз мебошад. Муаллиф ба ин назар аст, ки ҳанӯз ҷои нашри муътамад ва интиқодии футувватномаҳо холӣ аст. Метавон бо такя ба дастхатҳои истифоданашудаи онҳо дар нашри матни мусаҳҳаҳи ин зумра осор қадами устувортар гузошт. Футувватномаҳо дар ташаккули насри ахлоқии асри XIV саҳми арзанда гузоштааст.*

***Ключевые слова:*** *история литературы XIV века, Камол Худжанди, футувват-наме, назидательная проза, кодикология, источник, прозаические произведения*

*Рассматривается развитие жанра футувват-наме в эпоху Камола Худжанди. Подчеркивается, что период становления жанра футувват-наме приходится на X век и в начале XIV века сочинение футувват-наме получает бурное развитие. В процессе исследования сложилось мнение, что изучение футувват-наме окажет значительное содействие в восприятии и исследовании наследия литераторов XIV века, в частности поэзии Камола Худжанди. Содержание и тематика футувват-наме ясно указывают на то, что важная часть персидско-таджикской нравственной прозы сохранилась именно в этой жанровой разновидности литературы. Предполагается, что сохраняется необходимость в издании достоверного критического текста футувват-наме. Опираясь на не использованные ранее тексты футувват-наме, можно предпринять определенные шаги в плане публикации критических текстов указанного жанра, так как футувват-наме внесли существенный вклад в развитие назидательной прозы XIV века.*

***Key-words:*** *history of the XIV-th century literature, Kamol Khujandi, futuvvat-name, edifying prose, codicology, source, prosaic works*

*The article dwells on the development of futuvvat-name genre in the epoch of Kamol Khujandi. It is underscored that the period of futuvvat-name genre formation falls on the X-th century, and at the beginning of the XIV-th century composition of futuvvat-name enjoys stormy evolution. In the process of studies we gathered the impression that the latters would render considerable assistance to us in perception and exploration of the men`s-of-letters heritage formed in the XIV-th century, Kamol Khujandi`s poetry, in private. Contents and thematics of futuvvat-name clearly point to the fact that the important part of Persian-Tajik moral prose preserved namely in this genre variety of literature. It is supposed that there is still a necessity in edition of an authentic critical text of futuvvat-name. Proceeding from the earlier non-used texts of futuvvat-name, one can undertake certain steps in the plane of publishing critical texts of the genre in question as the formers made an essential contribution into the development of edifying prose of the XIV-th century.*

Даврони зиндагии Шайх Камоли Хуҷадӣ аз ҷиҳати танаввуи осори адабӣ аз давраи пурбори таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб меёбад. Дар асри XIV осори зиёди таърихиву ҳамосӣ, асотирӣ, сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва асарҳои ахлоқии гаронбаҳое ба қалам омадаанд. Дар баробари ташаккулу рушди ин анбӯҳи осор дар асри XIV футувватноманависӣ низ ривоҷ пайдо намуд. Футувватномаҳо аз ҷумлаи осоре ҳастанд, ки дар онҳо масъалаи ахлоқ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Омӯзиш ва таҳқиқи футувватномаҳои асри XIV метавонад, барои амиқтар дарк намудани ашъори суханварони аҳди мазкур, махсусан Камоли Хуҷандӣ кӯмакгар бошад. «Футувват», яъне ҷавонмардӣ, сахову карам, бахшандагӣ, мурувват ва мардонагист [3, ҷ.11, с.16974]. Бо таъбири муаллифони футувватномаҳо «футувват иборат аст аз зуҳури нури фитрат ва истелои он бар зулмати нашъат, то тамомати фазоил дар нафс зоҳир шавад ва разоил мунтафӣ гардад» ё ба таъбири дигар футувват «аркони тариқат дар кисвати шариат варзидан ва нигоҳ доштану тамом кардан» аст [5, с.469; 9, с.182].

Пас, дар футувватномаҳо оини ҷавонмардӣ ва дастуроти родмардӣ баён ёфта, то соликони ин ҷода худро аз ахлоқи замима пок созанд ва бо ахлоқи писандида пироста гардонанд.

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ осори зиёд бо номи «Футувватнома», «Рисола дар футувват» ва ғ. ба қалам омадаанд. Аҳмад Мунзавӣ роҷеъ ба 15 футувватномаи манзуму мансур маълумот додааст, ки дар давраҳои гуногун навишта шудаанд [6, ҷ.6, с.536-538]. Муртазо Сарроф зери унвони «Расоили ҷавонмардон» китоберо мунташир намуда, ки муштамил бар 7 футувватнома аст. Дуктур Муҳаммад Риёз шаш рисолаи Мир Сайид Алии Ҳамадониро интишор намуда, ки дар байни онҳо рисолаи «Футувватия» низ ҷой дода шудааст. Мавсуф дар китоб аз 27 футувватномаи форсиву арабӣ ёдовар шудааст [8, с.328-334]. Меҳрон Афшорӣ 30 футувватномаи хурду бузургро тасҳеҳ ва нашр намудааст [1]. Дар адабиётшиносии тоҷик ба ин мавзӯъ устод Қурбон Восеъ ва Рухшона Восеъ бештар таваҷҷуҳ намудаанд ва дар китобе бо номи «Сарчашмаҳои адабиёти ҷавонмардӣ» 16 футувватномаи хурду бузургро нашр намудаанд [2].

Метавон қайд намуд, ки таълифу тадвини футувватномаҳо аз асри X ба таври равишманд рӯ ба рушд гузоштааст. Дар асри XIV низ таълифи футувватномаҳо ҷараёни чашмгир доштааст. «Туҳфат-ул-ихвон фӣ хасоиси-л-фитён»-и Абдурраззоқи Кошонӣ (асри XIV), «Футувватнома»-и Наҷмуддини Заркӯб (асри XIV), «Рисолаи футувватия»-и

Шамсуддин Маҳмуди Омулӣ (асри XIV), «Рисолаи футувватия»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (асри XIV), «Футувватнома»-и маҷҳулулмуаллиф (асри XIV) ва иддае дигар аз муҳимтарин футувватномаҳои ин аҳд ба шумор меравconfigure.

Нигоҳе ба муҳтаво ва феҳристи мавзӯоти ин футувватномаҳо равшан месозад, ки бахши муҳиме аз насри ахлоқии форсу тоҷик маҳз дар ҳамин гурӯҳи осор маҳфуз мебошад. Ин ҷо бо андаке тафсил ба муаррифӣ ва бозшиносии мундариҷаи иддае аз ин гурӯҳи осор мепардозем.

**Китоб-ул-футувват.** Муаллифи китоб Наҷмуддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Мавдуди Зоҳирӣ (ваф. 712/1312), маъруф ба Наҷмуддини Заркӯб мебошад [7, с.177]. Давраи камолоти илмӣ ва нубуғи Наҷмуддини Заркӯб ба авоили асри XIV рост меояд. Бино бар ин, метавон «Китоб-ул-футувват»-ро навишташуда дар оғози асри XIV донист. Муаллиф муҳтавои китобро ба қолаби зерин рехтааст:

Фасл: Дар шароити соҳиб ва табдили ахлоқ;

Фасл: Дар аснофи футувват, ки чанд синфанд;

Фасл: Дар шароити шарҳи футувват дар он чи киро расад ва нарасад;

Боб: Дар мурувват;

Фасл: Дар ақовили мухталифе, ки бузургон дар мурувват гуфтаанд;

Фасл: Дар таом хӯрдан ва дар ин ҳафт адаб аст;

Фасл: Дар одоби вузӯгоҳ.

Дар саросари китоб ҳикоятҳо бо сарлавҳаи «ҳикоят» ё «мисол» зикр гардидааст. Дар мавридҳои зарурӣ муаллиф барои таъйиди фикр аз каломи мавзун таҳти унвони «байт», «шеър» ва «қасида» истифода бурда, ки ҳама ашъори худи муаллифи китоб мебошанд [9, с.172, 175, 180]. Наҷмуддини Заркӯб ҷавонмардонро ба тарки чиҳил хисоли накӯҳида, ба монанди ҳирс, ҳасад, буғз, ҷаҳл, ҳумқ, нифоқ, такаббур, тазвир, зулм, фисқ, хиёнат, фаҳш, хиссат, касолат, бевафоӣ, вақоҳат... амр намуда, ба чиҳил ахлоқи ҳамида, чун ҳилм, карам, саховат, шуҷоат, вафо, ҳаё, шафқат, зуҳд, сабр, шукр, эҳсон, инъом, муҳаббат... фаро мехонад [9, с.184-185].

Китоб бори аввал соли 1353/1973 бо эҳтимоми Муртазо Сарроф бо шаш футувватномаи дигар тасҳеҳ ва нашр гардидааст [9]. Дар адабиётшиносии тоҷик устод Қурбон Восеъ ва Рухшона Восеъ ба нашри ин асар ҳиммат гумоштаанд [2].

**Туҳфат-ул-ихвон фӣ хасоиси-л-фитён.** Оини ҷавонмардӣ ва ахлоқ дар меҳвари асари мазкур қарор дорад. Муаллифи он яке аз нависандагони маъруфи асри XIV – Камолуддин Абдурраззоқи Кошонӣ (ваф. 735/1335) мебошад.

Абдурраззоқи Кошонӣ таълифоти гаронқадре ба забони форсиву арабӣ дорад. Бино бар таъкиди Саид Нафисӣ, соли 720/1320 «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам» ва соли 731/1331 «Шарҳи «Манозил-ус-соирин»-и Абдуллоҳи Ансориро ба поён расонидааст [7, ҷ.2, с.758]. Асари дигаре, ба монанди «Истилоҳот-ус-сӯфия» низ ба қалами ин нависандаи бузург тааллуқ дорад [6, ҷ.6, с.360].

Китоб муштамил бар муқаддима, даҳ боб ва як хотима аст. Муқаддимаи китоб чаҳор фаслро дар бар дорад: Фасли аввал: Дар баёни ҳақиқати футувват; Фасли дувум: Дар баёни манбаъ ва мазҳари он; Фасли сеюм: Дар баёни маохизи футувват ва мабдаи ин тариқат; Фасли чаҳорум: Дар мабодӣ ва мабонии он.

Бобҳои даҳгонаи китоб ба қарори зайл аст: Боби аввал: Дар тавба; Боби дувум: Дар сахо; Боби савум: Дар тавозуъ; Боби чаҳорум: Дар амн; Боби панҷум: Дар сидқ; Боби шашум: Дар

ҳидоят; Боби ҳафтум: Дар насиҳат; Боби ҳаштум: Дар вафо; Боби нуҳум: Дар офоти футувват ва қаводеҳи мурувват; Боби даҳум: Дар фарқ миёни фато ва мутафатто ва муддаӣ.

Хотимаи китоб бар се фасл муштамил аст. Фасли аввал: Дар тариқи иктисоби футувват; Фасли дувум: Дар хасоили асҳоби футувват ва сияру тароиқи эшон; Фасли савум: Дар хидмат ва зиёфат.

Китоб нахуст бо забони арабӣ иншо ёфтааст. Сипас муаллиф худ онро бо дархости баъзе аз дӯстонаш ба забони форсӣ тарҷума намудааст. Дар ин замина дар оғози китоб чунин омада: «Мусаввиди ин баёз ва муҳаррири ин савод ба илтимоси баъзе аз акобири аср, рисолае дар футувват навишта буд ва маонии он ба луғати арабӣ таълиқ карда ва онро «Туҳфат-ул-ихвон» ном ниҳода. Ва чун аксари ихвони сафо ва арбоби вафо аз туллоби ин хитта ва фитёни ин хитта дар фаҳми забони тозӣ на устувор буданд ва дар майдони луғати дарӣ чобуксавор, фавоиди он сухан дар миёни эшон ғанимате зоеъ буд ва бадоеи он бизоате косид. Пас, ба иқтироҳи баъзе аз асдиқо, тарҷумаи он навишта омад ва кисвати он аз шеваи аҳли араб ба ҳиляи аҳли аҷам мубаддал гашт» [5, с.468].

Тарҷумаи форсии асар дақиқан матни арабӣ набуда, ба он матлабҳои дигаре афзуда шудааст. Китоб бо ҷумлаи «Сипоси фаровон мубдиеро, ки хулосаи ҷавҳари инсон дар олами ҷон бар аҳсани вуҷуҳ ибдоъ кард…» [5, с.467] оғоз меёбад.

Муаллиф дар китоби хеш ахлоқи писандидаеро, чун сидқу вафо, ростиву накӯкорӣ, адл, тавозуъ, сахо ва тавба тавсия менамояд ва ҷавонмардиро ба чунин ахлоқ вобаста медонад.

Бино ба гузориши манобеъ, нусхаи муътабари китоб байни маҷмӯае, ки муштамил бар яксаду шасту ҳафт рисолаҳои хурди арабиву форсӣ мебошад, дар китобхонаи Ҳамидияи Туркия нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи аксии ин китоб дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти шумораи №6556 ва микрофилми №4664 маҳфуз аст. Рисолаи мазкур бо хати насхи реза китобат шуда, таърихи таълиф дар он сабт нагардидааст. Аммо таърихи таълифи дигар рисолаҳо аз соли 750/1349 то 811/1408 мебошад [4, с.ёздах]. Бо назардошти соли даргузашти муаллифи рисола – Абдурраззоқи Кошонӣ, ки дар соли 735/1335 воқеъ шудааст, муайян кардан мумкин аст, ки нусха баъди 50-60 соли вафоти муаллиф ба қайди китобат даромадааст.

Ҳамчунин се нусха дар Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ таҳти шумораҳои №6422, 13465, 11967 маҳфуз аст [4, с.ёздаҳ].

Бори аввал китоб бо эҳтимоми Муҳаммад Домодӣ (Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1351) ва навбати дигар соли 1380/2001 дар нашриёти Мероси мактуб (Теҳрон) бо кӯшиши Маҷид Ҳодизода дар дохили «Маҷмӯаи расоил ва мусаннафот» ба табъ расидааст.

**Рисолаи футувватия.** Манзур фанни панҷуми китоби «Нафоис-ул-фунун фӣароиси-л-уюн»-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ (ваф. 753/1352) аст. «Нафоис-ул-фунун» дар фосилаи шаш сол бо ҳадафи тадрис ба донишҷӯёни мадрасаи «Султония» ба қалам омадааст. Китоб дар қолаби ду бахш: бахши улуми авохир ва бахши улуми авоил рехта шудааст. Бахши аввали китоб, ки улуми авохир аст, 85 илм ва 36 фанро дар бар мегирад. Бахши дигар 75 илм ва 33 фанро дар худ ғунҷонидааст. Дар бахши улуми авохир мавзӯи баҳси мо мундариҷ аст. Омулӣ фанни панҷум аз улуми авохирро ба илми футувват ихтисос дода, онро дар ҳафт фасл тақсим сохтааст:

Фасли аввал: Дар хақиқати футувват;

Фалси дувум: Дар баёни мазҳари футувват;

Фасли савум: Дар шараф ва фазилати футувват;

Фасли чаҳорум: Дар шароити истеъдоди футувват;

Фасли панҷум: Дар кайфияти ахзи футувват;

Фасли шашум: Дар истилоҳоте, ки фитён онро истеъмол кунанд;

Фасли ҳафтум: Дар хасоиси фитён.

Дар фаслҳои ҳафтгона муҳимтарин ахлоқи фитён мавриди баҳс қарор гирифтааст. Касби камолот ва хулқи некӯ, ки аз заруриёти илми футувват аст, муаллиф пайваста ҷавононро ба он даъват намудааст. Аз ин лиҳоз, метавон фанни мазкурро ҳамчун насри ахлоқӣ қаламдод намуд. Аз унвони фаслҳои китоб равшан мегардад, муаллиф бештар ба масъалаҳои назарии футувват андешаронӣ намудааст. Аммо масоили футуввати амалӣ, ба монанди шуҷоат, сидқ, иффат, тавозуъ, ҳаё, вафо ва ғ. аз доираи баҳси ӯ берун намондааст.

Муаллиф дар мавридҳои лозима оёту аҳодис, суханони бузургони саҳобаву тобеин, ашъори арабиву форсиро устодона ба кор бурдааст.

Футувватномаи мазкур дар алоҳидагӣ аз ҷониби Муртазо Сарроф дар маҷмӯаи футувватномаҳо ба нашр расидааст [9, с.58-79]. Ҳамчунин, дар Тоҷикистон низ интишор ёфтааст [2, с.192-207]. Намуна: «Аммо ҳосили футувват иттисоф ба фазоили ахлоқ ва иҷтиноб аз разоили авсоф аст ва тамомати фазоил дар чаҳор чиз мунҳасиранд: иффату шуҷоат ва ҳикмату адолат, чи иффату шуҷоат ва ҳикмату эътидолу истиқомат қувои баҳимӣ ва малакиву сибаъӣ аст ва адолату мусолимату мувофиқат, ҳама дар касби камолу эътидол восита миёни ҳар ду тараф – ифроту тафрит» [9, с.67].

**Рисолаи футувватия.** Ин рисола ба қалами Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (714-786 / 1314-1384) тааллуқ дорад. Таърихи навишта шудани рисола ба 6-уми рамазони 773/1372 рост меояд. Муаллиф асарро барои Шайх Ҳоҷӣ фарзанди Тӯтӣ Алишоҳи Хатлонӣ ба қайди таҳрир овардааст [8, с.364; 6, ҷ.6, с.537]. Ҳамадонӣ рисоларо бо ҷумлаи «Шукру сипос сонееро, ки ҳадоиқи риёзи мавҷудотро аз байдои зулматободи адам ба саҳрои вуҷуд овард» [8, с.341] оғоз бахшидааст. Муҳимтарин мавзӯоти китоб ба қарори зайл аст:

Кулоҳ ва саровил; Суханони бузургони уммат дар ҳақиқати футувват; Сифоти футувват; Ду қисм қофилаи нуфуси инсонӣ; Аҳли шақоват; Мақбулон; Ақсоми тоат; Сурату сирати намоз; Дунё ва одамиён.

Муаллиф дар рисола нахуст ҷавонмардиро шарҳу тавзеҳ дода, ҳамонеро ҷавонмард медонад, ки бо караму саховат, иффату амонат, шафқату ҳилм ва тавозуъву тақво ороста бошад [2, с.294]. Дар оғози китоб муаллиф суханони бузургонеро, чун Яҳё ибни Муози Розӣ, Ҳориси Муҳосибӣ, Абулҳасани Нурӣ, Фузайл ибни Иёз, Ҷунайди Бағдодӣ, Ҳасани Басрӣ, Саҳли Тустарӣ, Абӯалии Даққоқ ва Боязиди Бастомӣ, ки пешвоёни футувват мебошад, ҳамчун далел зикр менамояд.

Дар саросари китоб муаллиф бо хитоби «эй азиз» ба иршоди соликони ҷодаи футувват пардохтааст. Оёту аҳодис, ашъор, амсолу ҳикам, суханони саҳобагону тобеин ва бузургмардони сӯфия барои таъйиди бештар бахшидан ба калом хидмат намудаанд.

Нусхаҳои мутааддиди рисола дар китобхонаҳои бонуфузи ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаҳои қадимаи асар дар китобхонаи Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон №2873, Китобхонаи миллии Малик (Теҳрон) №4250/19, Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ №5250 нигаҳдорӣ мешавад [8, с.337-340].

Рисола борҳо интишор ёфтааст. Аз ҷумла ба кӯшиши Муҳаммад Риёз (Покистон, Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1370) зимни китоби «Аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ба нашр расид. Дар кишвари мо низ борҳо нашр ёфтааст [2, с.292-307].

**Футувватнома.** Муаллифи ин футувватнома ношинохта аст. Бино ба гузориши Меҳрон Афшорӣ ин футувватнома «зоҳиран дар қарни ҳафтум ё авоили қарни ҳаштум таълиф шудааст» [1, с.5]. Рисола чунин оғоз ёфта: «Сипос мар Офаридгореро, ки қавоиди аркони

гетӣ ба ҳикмат чунон офарид, ки уқули уқало ва фаҳми фузало дар кайфияти офариниш ва дар моҳияти асоси он саргардон бимонд...» [1, с.6]. Сипас, муаллиф оғози баҳси ҷавонмардиро ба достони Одам (а) пайванд медиҳад. Бино ба навиштаи муаллиф, Одаму Ҳавво пас аз хӯрдан аз дарахти мамнӯъ, бо мақсади пинҳон намудани шармгоҳи хеш аз дарахтон барг хоҳиш мекунанд, аммо ин хоҳишро ҷуз дарахти анҷир дигар дарахтон рад мекунанд. Сипас дарахти анҷир мавриди бозпурсии Офаридгор қарор мегирад. Дарахти анҷир дар посух аз карам ёдовар мешавад ва Худованд ба дарахти анҷир имтиёзотеро ато мефармояд. Муаллифи рисола бо матраҳ намудани баҳси карами дарахти анҷир вориди мавзӯъ гардидааст. Баъди матраҳ намудани мавзӯи бахшишу карам, муаллиф ба чигунагии шалвори ҷавонмардон пардохтааст. Аз ҷумла бо такя ба суханони Алӣ (рз) футувватро шарҳу тавзеҳ додааст. Дар рисола сифоти ҷавонмардон, ба монанди ростқавлӣ, итоаткорӣ, фурӯтанӣ, мушфиқӣ, ҳалимӣ, соҳибтарбият будан мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Нусхаи мунҳасир ба фарди ин рисола дар Китобхонаи музейи миллии Париж нигаҳдорӣ мешавад, ки соли китобати он 753/1352 мебошад [1, с.5]. Дар асоси нусхаи мазкур Меҳрон Афшорӣ онро тасҳеҳ ва нашр намудааст [1, с.5-9].

Аз баррасии анҷомёфта метавон ба ин натиҷа расид, ки дар даврони Зиндагии Шайх Камоли Хуҷандӣ осори мансури ахлоқии пурборе ба қалам омадаанд. Ин давраро давраи рушди насри ахлоқӣ қаламдод намудан мумкин аст, ки осори дар боло муаррифишуда далели гуфтаҳои мост. Нуктаҳои муҳими бадастомадаро метавон чунин донист:

а) Футувватномаҳо аз ҷумлаи осоре ҳастанд, ки дар матни онҳо ахлоқи олии ҷавонмардон нуҳуфта аст. Ин гурӯҳи осор дар ташаккули насри ахлоқии форсу тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд;

б) омӯзиши футувватномаҳои дар ин навишта муаррифишуда метавонад барои дарки суханони Шайх Камоли Хучандӣ сарчашмаи пурбор воқеъ гардад;

в) нусхашиносии футувватномаҳо нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҷои нашри муътамад ва интиқодии ин гурӯҳи осор холӣ аст. Метавон бо такя ба дастхатҳои истифоданашудаи онҳо дар нашри матни мусаҳҳаҳи ин зумра осор қадами устувортар гузошт.

### ***Пайнавишт:***


1. *Афшорӣ, Меҳрон. Футувватномаҳо ва расоили хоксория. – Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолеоти фарҳангӣ, 1382. -380 с.*
2. *Восеъ, Қурбон, Восеъ, Рухшона. Сарчашмаҳои адабиёти ҷавонмардӣ (китоби аввал). –Душанбе: Дониш, 2008. -564с.*
3. *Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. -Ҷ.11. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1335. -1657с.*
4. *Кошонӣ, Абдурраззоқ. Туҳфату-л-ихвон фӣ хасоиси-л-фитён / Бо муқаддима ва тасҳеҳу таълиқи Муҳаммад Домодӣ. –Теҳрон: Интишорои бунёд ва фарҳанги Эрон, 1351. -134с.*
5. *Кошонӣ, Абдурраззоқ. Маҷмуаи расоил ва мусаннафоти Кошонӣ / Ба кӯшиши Маҷид Ҳодизода. –Теҳрон: Мероси макуб, 1380. -766с.*
6. *Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ. -Ҷ.6. –Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382.*
7. *Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар эрон ва дар забони форсӣ. –Теҳрон: Меҳан, 1344. -Ҷ.1. -664с; -Ҷ.2. -534.*
8. *Риёз, Муҳамад. Аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. –Покистон: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1370. -564 с.*
9. *Сарроф, Муртазо. Расоили ҷавонмардон (муштамил бар ҳафт футувватнома). – Теҳрон: Институти фаронсавии пажӯҳиҳои илмӣ дар Эрон, 1973. -327 с.*

***Reference Literature:***

1. *Afshori, Mehron. Futuvvatnoma and Treatises Dwelling on Modesty. The Institute of Humanities and Cultural Studies. 1382hijra. -380 pp.*
2. *Vose, Kurbon, Vose, Rukhshona. Origins of Literature Dealing with Javonmardi (Nobility) (the first book). - Dushanbe: Knowledge, 2008. – 564 pp.*
3. *Dehkhudo, Aliakbar. Dictionary. - V.11. - Tehran: Firdawsi, 1335 hijra. – 1657 pp.*
4. *Koshoni, Abdurazzok. Tuhfatu-l-ikhvon fi hasoisi-l-fityon / Preface, Recension and Commentaries by Muhammada Domodi. – Tehran: Edition of Iran Cultural Fund, 1351 hijra. – 134 pp.*
5. *Collection of Compositions and Literary Productions by Koshoni // Under the editorship of Majid Hodizoda. - Tehran: Merosi Makub, Written Heritage, 1380 hijra. – 766 pp.*
6. *Munzavi, Ahmad. Catalogue of Persian Books. - V.6. - Tehran: Center of Big Islamic Encyclopedia, 1382 hijra.*
7. *Nafisi, Said. The History of Poetry and Prose in Iran Written in Persian Language. –Tehran: Mehan, 1344 hijra. - V.1. – 664 pp.; - V.2. – 534 pp.*
8. *Riyoz, Muhamad. Life and Creation of Mir Sayid Ali Hamadoni. - Pakistan: The Center of Persian Studies of Iran and Pakistan, 1370 hijra. - 564 pp.*
9. *Sarrof, Murtazo. Treatises Dwelling on Nobility (collection of seven futuvvatnomas). - Tehran: French Institute of Scientific Researches in Iran, 1973. - 327 pp.*